*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 93 (4676) | ЧОРШАНБЕ, 19 ИЮЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ПОДШОҲИИ АРАБИСТОНИ САУДӢ



**18 - уми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Нишасти нахустини сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ ба шаҳри Ҷиддаи Подшоҳии Арабистони Саудӣ сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчиёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, вазири молия, раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

**Ҳаждаҳуми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади иштирок дар Нишасти нахустини сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ вориди шаҳри Ҷиддаи Подшоҳии Арабистони Саудӣ шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Ҷидда ба номи Шоҳ Абдулазиз меҳмони олимақом - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Амири музофоти Маккаи Мукаррама, мушовири Шоҳи Арабистони Саудӣ Шоҳзода Холид ал-Файсал ва дигар шахсони расмӣ гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Ба хотири пазироии меҳмони олиқадр саҳни фурудгоҳ идона ороста шуда, аз ду канори роҳрави махсус аскарони қаровули фахрӣ саф кашида буданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 19 июли соли ҷорӣ дар шаҳри Ҷидда дар Нишасти нахустини сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар назар аст, ки дар доираи ин сафар Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Валиаҳди Подшоҳи Арабистони Саудӣ Шайх Муҳаммад ибн Салмон ва дигар намояндагони воломақоми Подшоҳии Арабистони Саудӣ мулоқот доир намоянд.

(Дар ин хусус дар шумораи оянда маълумот дода мешавад).

**Нуздаҳуми июли соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабл аз иштирок дар Нишасти нахустини сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ аз шаҳри Ҷидда ба шаҳри Маккаи Подшоҳии Арабистони Саудӣ ташриф оварданд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Маккаи мукаррама қиблаи мусулмонон – Каъбаро зиёрат карданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон либоси хоси маросими ҳаҷ – эҳромро ба бар карда, вориди Хонаи Худо гардида, дар дохили Каъбатуллоҳ 2 ракъат намози нафл хонданд.

Сипас, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳайати ҳамроҳонашон бо 7 маротиба давр задан дар гирди Хонаи Худо - Каъба тавофи қиблаи мусулмонон дар рӯйи заминро ба ҷо оварданд.

Пас аз тавофи хонаи Каъба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пушти мақоми пайғамбар Иброҳими Халилуллоҳ, ки дар як паҳлуи Каъбатуллоҳ ҷойгир аст, 2 ракъат намози нафл хонда, бо ҳайати ҳамроҳонашон пас аз адои намоз барои пешрафту шукуфоииояндаи Тоҷикистон - хонаи умеди ҳамаи тоҷикони ҷаҳон ва сарҷамъию осудагии мардуми шарифи тоҷик дуои хайр карданд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# ТАЪИНОТИ КАДРӢ



**Ҳаждаҳуми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳоеро, ки дар мақомоти суд, Прокуратура, Вазорати мудофиа ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъин гардиданд, барои суҳбат ба ҳузур пазируфтанд.**

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Суди шаҳри Душанбе, раиси Суди ноҳияи Фирдавсӣ, раиси Суди ноҳияи Рӯдакӣ, муовини якум ва муовини раиси Суди шаҳри Ваҳдат, судяҳои Суди шаҳри Душанбе ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҳисоби кадрҳои ҷавону соҳибтаҷриба таъин гардиданд.

Зимни суҳбат Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти мақомоти судӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир карда, барои таъмини адолати судӣ ва баррасии шаффофи парвандаҳои ҷиноятӣ дастурҳои мушаххас дода, аз кадрҳои навтаъиншуда зимни баррасии парвандаҳо талаб карданд, ки ба волоияти қонун, мубориза бар зидди амалҳои хусусияти коррупсионидошта, шаффофият, баррасии одилона ва таъмини адолату ҳақиқат диққати махсус диҳанд.

Дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон прокуророни як қатор шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла ноҳияҳои Ишкошим ва Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳрҳои Хуҷанд, Бӯстон, ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Деваштич ва Ашти вилояти Суғд, шаҳри Бохтар, ноҳияҳои Вахш, Темурмалик, Абдураҳмони Ҷомӣ, Шамсиддини Шоҳин, Восеъ ва Ёвони вилояти Хатлон ва ноҳияи Лахш, иваз карда шуданд.

Сардори давлат таъкид карданд, ки ба тарбияи кадрҳои ҷавон, бахусус аз ҳисоби занону бонувон, таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардад.

Ҳамчунин, дар ҳайати фармондеҳии як қатор ҷузъу томҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти кадрӣ ба амал оварда шуд.

Сарвари давлат дар назди кадрҳои таъингардида дар баробари донишҳои тахассусӣ донистани ду забони хориҷиро дар шароити кунунӣ амри ҳатмӣ шуморида, мубориза бар зидди ҳама гуна ҷиноятқорӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти шаҳрвандонро аз вазифаҳои асосии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шуморида, дар ин самт дастурҳои мушаххас доданд.

«Нисбат ба муроҷиати шаҳрвандон масъулияти бештар зоҳир карда, зимни баррасии парвандаҳо ва арзу шикояти мардум бо масъулияти бештар ва аз рӯйи адолат амал намоед»-, таъкид доштанд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Кадрҳои дар ин соҳаҳо таъиншуда аз ҳисоби мутахассисони варзидаи соҳа, хатмкардагони ду ва ё зиёда донишкадаҳои олии ҳарбӣ, ки зимни адои хизмат аз худ маҳорати касбӣ ва матонату садоқат нишон додаанд, интихоб гардиданд.

«Зимни интихоб ба вазифаҳои роҳбарикунанда мо ба сатҳи баланди касбӣ, садоқату поквиҷдонӣ ва донишҳои замонавии кадрҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоем ва бояд ҳар яки шумо зимни адои вазифа ва масъулияти ба дӯшдошта бояд манфиатҳои давлату миллатро аз ҳама боло гузошта, дар хизмати мардум бошед», - таъкид намуданд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Дар фарҷоми мулоқот Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамаи кадрҳои таъингардида дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ муваффақият орзу намуда, хизмат ба халқу Ватан ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳар як шаҳрвандро аз вазифаҳои аввалиндараҷаи онҳо арзёбӣ карданд.

**www.president.tj**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи озод ва таъин намудани судяҳо**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Раҳмонзода Шариф Файз аз вазифаи раиси Суди шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон озод гардида, судяи Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин карда шавад.
2. Маҳмудзода Азаматшо Сафар аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод гардида, судяи Суди ноҳияи Рӯдакӣ таъин карда шавад.
3. Зикирзода Лоиқ Хурсандқул аз вазифаи раиси Суди ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд озод гардида, раиси Суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.
4. Аҳмадзода Ҷамшед Анвархон раиси Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе таъин карда шавад.
5. Шоҳиён Муҳаммадсаид Алимардон аз вазифаи муовини якуми раиси Суди шаҳри Ҳисор озод гардида, судяи Суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.
6. Нурзода Сайвалӣ аз вазифаи судяи Суди шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон озод гардида, судяи Суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.
7. Раҷабзода Ҳотам Назар аз вазифаи раиси Суди ҳарбии гарнизони Душанбе озод гардида, раиси Суди ноҳияи Рӯдакӣ таъин карда шавад.
8. Ҳабибуллозода Хайрулло аз вазифаи муовини раиси Суди шаҳри Ваҳдат озод гардида, муовини якуми раиси Суди шаҳри Ваҳдат таъин карда шавад.
9. Асрорӣ Ифтихор Қурбон аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Рӯдакӣ озод гардида, муовини раиси Суди шаҳри Ваҳдат таъин карда шавад.
10. Қурбониён Баҳриддин Самариддин аз вазифаи судяи Суди иқтисодии вилояти Хатлон озод гардида, муовини раиси Суди иқтисодии вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 18 июли соли 2023, №603**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 июли соли 2023, №319, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири мудофиа оид ба аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ - сардори Раёсати аслиҳа ва техникаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Бобозода Х. Х.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Бобозода Хисрав Хоркаш бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини вазири мудофиа оид ба аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ - сардори Раёсати аслиҳа ва техникаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 июли соли 2023, №320, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Носирзода Ҷ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Носирзода Ҷаббор бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 июли соли 2023, №321, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ваҳобзода А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ваҳобзода Абдураҳмон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 июли соли 2023, №322, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини якуми вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Носирзода Ҷ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Носирзода Ҷаббор муовини якуми вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 июли соли 2023, №323, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Назарзода М. Ф.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Назарзода Машокир Фозил муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Наҷотзода Мутеъулло Абдулқосим бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини директори Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» озод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 18 июли соли 2023, №АП-402**

## АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ваҳобзода Абдураҳмон муовини директори Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 18 июли соли 2023, №АП-403**

## АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил муовини директори Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 18 июли соли 2023, №АП-404**

## ҚАРОРИ КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТ ВА РАЪЙПУРСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи ҷамъбасти натиҷаи ниҳоии интихоботи вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази вакили хориҷшуда дар ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Хуҷанд №13, бақайдгирӣ ва тасдиқи ваколатҳои вакили интихобшуда**

Мувофиқи моддаҳои 12, 48, 54, 55 ва 56 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси протоколи комиссияи ҳавзавии якмандатии интихобот оид ба интихоботи вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази вакили хориҷшуда дар ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Хуҷанд №13 аз 16-уми июли соли 2023, ҷамъбасти натиҷаи ниҳоии овоздиҳӣ дар ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботи мазкурро гузаронида, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Интихоботи вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази вакили хориҷшуда дар ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Хуҷанд №13 рӯзи 16-уми июли соли 2023 бо иштироки 95 002 (85,89%) интихобкунандагони ба рӯйхат воридкардашуда баргузоршуда ҳисобида шавад.
2. Номзад Муинӣ Мавсума Муинзода бо гирифтани 60 507 (65,02%) овози интихобкунандагон дар ҳавзаи ҳудудии якмандатии интихоботии Хуҷанд №13, ки дар интихоботи рӯзи 16-уми июли соли 2023 интихоб шудааст, ба қайд гирифта, ваколатҳояш тасдиқ карда шавад.
3. Ба Муинӣ Мавсума Муинзода, тибқи тартиби муқарраргардида, шаҳодатномаи вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад.

**Раиси Комиссияи**
**марказии интихобот ва раъйпурсии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Б. ХУДОЁРЗОДА**

**Котиби Комиссияи**
**марказии интихобот ва раъйпурсии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. САМАДЗОДА**
**шаҳри Душанбе, 17-уми июли соли 2023, № 194**

# САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ПОДШОҲИИ АРАБИСТОНИ САУДӢ



(Идома аз саҳ. 1)

Сипас, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди чоҳи Замзам бо як ҷаҳон орзую ниятҳои нек аз оби Замзам нӯши ҷон намуда, ба пояи кӯҳи Сафо баромаданд, то дар саъйгоҳ, яъне миёни кӯҳҳои Сафо ва Марва, 7 маротиба рафтуо кунанд, 4 бор аз Сафо то Марва ва се бор баръакс ҳаракат карданд.

Баъди анҷоми саъй дар пояи кӯҳи Марва мӯйи сар бояд тарошида ё кӯтоҳ карда шавад. Бо амалӣ намудани ин рукн маросими умраи ҳайати Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон анҷом ёфт.

Мавриди зикри хос аст, ки ин зиёрат дафъаи панҷум ҷараён мегирад. Бо инояту меҳрубонии Парвардигори олам ва бо таваҷҷуҳи хосу эҳтироми баланди Ходими Ҳарамайни Шарифайн, Подшоҳи Арабистони Саудӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссар гардид, ки се маротиба ба дохили хонаи рамзии Худо – Каъбатуллоҳ ворид шуда, бо гузоридани 2 ракъат намоз, барои Тоҷикистони азиз ва мардуми шарифи он дуою фотиҳаи нек намоянд.

Пуштибонии пайваста аз номи поки дини мубини ислом дар арсаи минтақа ва ҷаҳон, чанд дафъа ба забони тоҷикӣ нашру дастраси мардум кардани «Қуръон» - и карим ва дар сатҳи миллию байналмилалӣ таҷлил намудани 1310-солагии Асосгузори мазҳаби таҳаммулпазирии ҳанафӣ -Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит – Имоми Аъзам аз ҷумлаи хизматҳои шоёни Пешвои миллати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаҳони ислом мебошанд, ки ӯро ба шаъну эътибори баланд расондаанд.

Ба чунин шарафи баланд даст ёфтани Сарвари давлати Тоҷикистон ва Пешвои тоҷикони ҷаҳон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бозгӯй аз нуфузу эътибори шоистаашон дар олами ислом аст. Ин аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо ба феҳристи 500 мусулмони соҳибнуфузи олам шомил гардидаанд.

Хотиррасон бояд намуд, ки то ин вақт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 1997, 2001, 2005, 2016 ва 2017 ба Подшоҳии Арабистони Саудӣ сафарҳои расмӣ ва корӣ анҷом додаанд.

Боиси хушнудию шукргузорӣ аст, ки Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шаҳрвандон, зоироне, ки мақсади тавофи хонаи Каъбаю зиёрати равзаи паёмбари ислом Муҳаммади Мустафоро (с) доранд, сол то сол тадбирҳои хайрро амалӣ менамоянд. Шароити сафар ва будубоши ҳоҷиён аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Подшоҳии Арабистони Саудӣ беҳтар мегардад.

**www.president.tj**

# ЯК ГУЛ БИДИҲАНДУ САД БАҲОРАТ БИБАРАНД

## СУДУ ЗИЁНИ ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОИРО ДАР БАЪЗЕ МАВРИД ЧУНИН МЕТАВОН ТАФСИР КАРД




Шоҳид ҳастем, ки имрӯз бадхоҳони миллату давлати тоҷик барои амалӣ намудани аҳдофи муғризона бештар аз шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мебаранд. Ин бесабаб нест, чунки дар марҳилаи кунунӣ таъсири шабакаҳои мазкур тамоюли афзоишро касб намуда, дар заминаи рушди интернет беш аз пеш таъсиргузоранд. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки поварақи матолиби баъзе аз воситаҳои ахбори омма ва гурӯҳҳое, ки ҳангомасозӣ дар онҳо меҳвар аст, ба майдони мубоҳиса табдил ёфтаанд. Мутаассифона, дар ин раванд аксар маврид назокату одоби баҳс сарфи назар шуда, онҳо моҳияти сиёсӣ касб менамоянд. Масъулини воситаҳои ахбори омма ва гурӯҳҳои дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъол вазифадоранд, ки манфиатҳои миллиро болотар аз дигар масъалаҳои моҳияти шахсию гурӯҳидошта гузоранд, зеро далелҳои зиёде мавҷуданд, ки нашру пахши чунин матлаб ба афкори ҷомеа таъсири манфӣ расонидаанд. Ҳарчанд беасос будани онҳо бо истинод ба далелу рақам собит гардид, вале таъсири манфӣ дар афкори як қисми шаҳрвандон боқӣ мемонад.

Шабакаҳои иҷтимоӣ - дастоварди навбатии инсоният, аз як ҷониб, агар барои беҳтар намудани робита бо ҷомеа, ташаккул додани афкори ҷамъиятӣ ва беҳтар намудани усулҳои иттилоърасонӣ хизмат намоянд, аз ҷониби дигар, силсилаи хавфу хатарҳоро ба вуҷуд овардааст.

### АЗ ТИҶОРАТ ТО МАҒЗШӮӢ

Ба андешаи номзади илмҳои сиёсӣ Хуҷамурод Сафарализода пайдоиши шабакаҳои иҷтимоӣ дар навбати аввал моҳияти тиҷоратӣ дорад. Моликони шабакаҳои мазкур тавассути он маълумоти зиёдро ҷамъоварӣ, коркард мекунанд ва ба фурӯш мебароранд. Иттилооти тавлиднамудаи ширкатҳои технологӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳои истеҳсолӣ ва аз худ намудани бозорҳо хизмат менамоянд. Барои афзоиши истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ усулҳои зиёд, аз ҷумла ҳавасманд намудани истифодабарандагон, додани маблағ, таваҷҷуҳбарангез намудани фазои маҷозии шабакаи иҷтимоӣ, аз байн бурдани сензура, пешбурди реклама мавриди корбурд қарор мегиранд.

Ҳамсуҳбатам аз он нигарон аст, ки дар баробари ширкатҳои технологӣ, як қатор давлатҳо (субъектҳои геополитикӣ) ва созмонҳои экстремистию террористӣ низ шабакаҳои иҷтимоиро ба манфиати худ истифода намуда истодаанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ ба ин гурӯҳи субъектҳо имкон фароҳам овардаанд, ки иқтидори иттилоотию технологии интернетро барои амалӣ намудани мақсадҳои муғризона истифода баранд. Дар ин замина тӯли даҳ соли охир дар фазои маҷозӣ тарғибу ташвиқи идеологияи радикалистӣ, ғояҳои ифротгароӣ ва террористӣ, паҳн кардани иттилооти иғвобарангез, тарҳрезии инқилобҳои ранга зиёд гардид.

Манфитарин таъсири шабакаҳои зикршуда мағзшӯӣ ба ҳисоб рафта, дар ин раванд ҷавонон қишри нисбатан осебпазиранд. Ғайр аз ин, шабакаҳои иҷтимоӣ омили то андозае дур шудани ҷавонон аз донишҳои илмию назариявӣ, сабаби талафи вақт, дуюмдараҷа шудани муносибат ба муоширати хонаводагӣ ва паҳн гардидани фарҳанги бегона мебошад.

### РӮЗГОР ҲАМАРО МУҲТОҶИ ИТТИЛОЪ КАРДААСТ

Ширкатҳои технологӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ тиҷорати иттилоотро густурда ба роҳ мондаанд. Тавсеа ёфтани ин раванд ба шиддат гирифтани рақобат дар миёни ширкатҳои истеҳсолӣ вобаста буда, аксар маврид усулҳое истифода мегарданд, ки мақоли «гӯр сӯзаду дег ҷӯшад»-ро ба хотир меорад.

- Аз ин лиҳоз, дар бозори ҷаҳонӣ рақобати иқтисодӣ сол то сол шадидтар ва мураккабтар гардида, бо мақсади комёб будан фаъолияти ширкатҳои молиявию истеҳсолӣ тамоюли афзоишро касб кардааст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза иттилоот омили муҳимтарини баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт гардидааст. Чунин ҳолат шаҳодати он аст, ки касе соҳиби иттилоот аст, метавонад ҷаҳонро идора намояд, - афзуд Хуҷамурод Сафарализода.

Сол то сол беҳтару хубтар гардидани равзанаҳо (интерфейс)-и шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳеҷ ваҷҳ маънои онро надорад, ки моликони ширкатҳои мазкур доимо дар фикри истироҳати истифодабарандагон ҳастанд. Ба баъзе истифодабарандагони фаъол додани маблағ низ маънои онро надорад, ки шабакаҳои мазкур ба фаъолияти башардӯстонаю хайрхоҳона машғуланд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# ХАТЛОН. ФАЪОЛИЯТИ ШАШМОҲА НАТИҶАГИРӢ ШУД



**11-уми июли соли равон дар маркази маъмурии вилояти Хатлон – шаҳри Бохтар маҷлиси ҷамъбастии натиҷаҳои иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар нимаи якуми соли 2023 баргузор гардид.**

Дар он муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмоналӣ Усмонзода, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид, раисони шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ иштирок намуданд.

Раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид зимни суханронӣ қайд кард, ки дар нимаи якуми соли ҷорӣ нишондиҳандаҳои кӯтоҳмуҳлати рушди минтақавии вилояти Хатлон ба 13 миллиарду 867 миллион сомонӣ расид, ки нисбат ба 6 моҳи соли гузашта 8,2 фоиз ё 1 миллиарду 137,1 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Ҳиссаи вилоят дар нишондиҳандаҳои кӯтоҳмуҳлати рушди минтақавии ҷумҳурӣ 25,6 фисадро ташкил медиҳад.

Сипас, муовини раиси вилоят Заробиддин Файзуллозода рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилоятро таҳлил карда, муфассал гузориш дод. Қайд гардид, ки нақшаи андозҳо, дар умум, бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар 6 моҳи аввали соли 2023 дар маҷмӯъ 102,7 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 1 миллиарду 127 миллион сомонӣ маблағ ворид шуд, ки нисбат ба нақша 29,2 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҷумла, нақшаи андоз 102,7 фисад таъмин гардида, ба буҷети вилоят 944,2 миллион сомонӣ ворид гардид. Нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ низ 102,3 дарсад таъмин шуда, ба буҷет 182,8 миллион сомонӣ ворид гардид, ки аз нақша 4,5 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Ба соҳаҳои буҷетии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо 1 миллиарду 306,6 миллион сомонӣ маблағгузорӣ гардида, 1 миллиарду 155,4 миллион сомонӣ ё 88,4 фоизи маблағҳои буҷетӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ равона карда шудааст.

Дар вилоят татбиқи 368 лоиҳа ба маблағи 8,5 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардида, то 31-уми декабри соли 2022 дар доираи тадбирҳои андешидашуда 131 лоиҳа ба маблағи 3,6 миллиард сомонӣ иҷро шуд. Дар 95 лоиҳаи дигар корҳо идома доранд.

Бонкҳои вилоят ба соҳаҳои иқтисодӣ 1 миллиарду 855,8 миллион сомонӣ қарз ҷудо намуданд, ки ин нишондод дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2022-юм 528,3 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Дар самти содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба хориҷи кишвар тадбирҳои судманд андешида шуда, то 2-юми июли соли ҷорӣ танҳо ба воситаи гумруки вилояти Хатлон 7430 тонна маҳсулот содирот шудааст. Маҳсулот, асосан ба давлатҳои Қазоқистон, Покистон, Афғонистон, Россия, Туркия ва Беларус содирот шудааст.

Гардиши мол дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 116,9 фоиз ё ин ки 904,7 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин давра гардиши савдои хориҷӣ ба 226,4 миллион доллари ИМА расидааст.

Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 11 миллиарду 953 миллиону 703,5 ҳазор сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 675 миллиону 159,2 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Ҳиссаи бахши аҳолӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 44 фоиз ва дар бахши ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 56 дарсад мебошад.

Мувофиқи маълумоти расмӣ то 1-уми июли соли равон дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидории вилоят дар майдони 53,8 гектар гармхонаҳои доимоамалкунанда ва кишти сабзавоти барвақтӣ гузаронида шуда, аз ин ҳисоб 18 ҳазору 494 тонна сабзавот, аз ҷумла, помидор - 853,1, бодиринг - 371,7, дигар намуди сабзавот 621,5 тонна истеҳсол ва дар бозорҳои дохилӣ ба фурӯш бароварда шуд.

Дар доираи имтиёзҳои пешниҳоднамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи моҳипарварӣ диққати махсус зоҳир шуда, шумораи хоҷагиҳои моҳипарварӣ ба 315 адад расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 39 адад зиёд мебошад. Ба ин хоҷагиҳо масоҳати умумии 2346,4 гектар кӯлу ҳавзҳо вобаста гардида, то 1-уми июли соли равон аз ин ҳисоб 930,6 тонна моҳӣ истеҳсол гардид.

Заробиддин Файзуллозода қайд кард, ки давоми шаш моҳи сипаригардида дар вилояти Хатлон ба маблағи 4 миллиарду 788 миллиону 722 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол шудааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 473,9 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Дар вилоят 209 навъи маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардида, дар давраи ҳисоботӣ истеҳсоли 23 намуди маҳсулоти саноатӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин давра дар ҳудуди вилоят коргоҳу корхонаҳои саноатӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд, ки аллакай онҳо ба маблағи 31,7 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд.

Дар ҷаласа, ҳамчунин раисони шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кӯлоб ва Муъминобод доир ба натиҷаҳои иқтисодию иҷтимоии шаҳру ноҳияҳои хеш дар зарфи шаш моҳи аввали соли ҷорӣ ҳисобот доданд.

Дар фарҷом раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид доир баислоҳи камбудиҳо дар самти рушди соҳаи саноат, фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ, талафоти барқ ва сари вақт ҷамъоварӣ намудани маблағи истифодаи он ба раисони шаҳру ноҳияҳо ва роҳбарони ташкилоту муассисаҳо дастуру супоришҳои мушаххас дод.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

# МАЪЮБӢ НОКОМӢ НЕСТ



**Барои дастгирии иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла маъюбон, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, масъулин дар ин самт тадбирҳои судманд меандешанд.**

Соли ҷорӣ барои сохтмони бинои истиқоматии панҷошёнаи Комбинати нобиноён 800 ҳазор сомонӣ ҷудо шуд.

Тибқи ҳисоботи оморӣ, ҳоло дар шаҳри Ҳисор 5107 нафар шахси маъюб, аз ҷумла, маъюбони гурӯҳи якум - 742, дуюм - 2277, сеюм – 934 ва то 18-сола 1154 нафар умр ба сар мебаранд.

Бино ба гуфтаи мудири шуъбаи ҳифзи иҷтимоии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор Абдураҳмон Ҳайбуллоев, барои беҳтар намудани шароити моддию иҷтимоии оилаҳои камбизоат, ятимону маъюбон ва шахсони яккаю танҳо бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 4483 оилаи камбизоати шаҳри Ҳисор кумакпулии яквақта дастрас шуд.

Номбурда, инчунин иброз дошт, ки: бо кумаки Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр, вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳр, соҳибкорон ва фаъолони шаҳр ба 3849 маъюб кумаки моддию молиявӣ дар ҷашнҳои Наврӯз, Рамазон, Қурбон расонида, 18 маъюб бо аробачаҳои маъюбӣ таъмин шуданд.

**Сайидо НАЗАРОВ, «Садои мардум»**

## Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ДУРНАМОИ НЕКИ КОРКАРДИ МАЪДАН ДАР МАМЛАКАТ



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21-уми декабри соли 2021 пешниҳод карданд, ки солҳои 2022 - 2026 дар Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шавад, зеро соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати мамлакат, аҳамияти бузург дорад.**

Пешвои миллат зимни ироаи Паём 23-юми декабри соли 2022 ба ин масъала дахл намуда, аз ҷумла, чунин таъкид намуданд: «Ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ба масъалаи истихроҷу коркарди металлҳои ранга аз конҳои муайяншуда, аз ҷумла сурма, литий, волфрам, никел ва дигар металлҳо, аҳамияти хоса дода, барномаи азхудкунӣ ва дар дохили мамлакат то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани онҳоро таҳия ва амалӣ созад.».

Элементҳои кимиёвии зикршуда дар бозори ҷаҳонӣ харидори зиёд дошта, захираашон дар кишварамон фаровон аст. Масалан, аз ҷиҳати истихроҷи сурма Тоҷикистон баъд аз Хитой ва Россия дар ҷаҳон ҷойи сеюмро ишғол мекунад. Онро дар бисёр кишварҳо зимни истеҳсоли батарея ва аккумуляторҳо, дастгоҳҳои чопӣ, ранг, нимноқилҳо ва аслиҳасозӣ истифода мебаранд.

Дар соҳаи дорусозӣ аз он давоҳои баъзе бемориҳои чашм ва сироятӣ (лейшманиозҳо) тайёр мекунанд. Аз қадимулайём сурмаро барои мустаҳкам намудани маснуоти аз тилло, мис, қалъагӣ ва қӯрғошим сохташаванда истифода мебурданд.

Имрӯз ин хосияти сурмаро зимни истеҳсоли аккумуляторҳо истифода менамоянд. Элементи мазкур барои истеҳсоли батареяҳои офтобӣ низ ҳамчун ашёи нисбатан арзон ба кор бурда мешавад. Як қисми зиёди сурмаро барои истеҳсоли антипиренҳо (иловаҳои химиявӣ, ки ҳифозат аз оташро таъмин месозанд) истифода мебаранд. Антипиренҳоро ба тахтаи сохтмонӣ, пластмасса, матоъҳо, резина, шиша, ранг, ширеш (клей), таҷҳизоти ҳавопаймо, рӯйкаши нишастгоҳҳои автомобил, либос ва ҳатто бозичаҳои кӯдакона илова менамоянд.

Сурмаро ҳамчун хӯла барои мустаҳкамкунии дигар металлҳо зимни истеҳсоли аккумуляторҳо, киштӣ ва силоҳҳои гуногун низ истифода мебаранд. Илова намудани сурма боиси шаффоф нишон додани телевизору мониторҳо мегардад.

Волфрам низ яке аз фулузоти нодир буда, зимни истеҳсоли пӯлод, таҷҳизоти бурранда ва пармакунанда истифода мешавад. Аз волфраму никелу мис «металли вазнин» месозанд, ки онро барои истеҳсоли контейнерҳои нигоҳдорандаи моддаҳои радиоактивӣ истифода мебаранд. Хусусияти муҳофизатии волфрам аз қӯрғошим дида 40 фоиз бештар аст.

Аз як килограмм волфрам тори дарозиаш 3,5 километр тайёр кардан мумкин аст. Ин як килограмм барои истеҳсоли 23 ҳазор адад фурӯзонаки тасфони 60 ватта кифоя мекунад. Соле дар саноати электротехникаи ҷаҳон 100 тонна волфрам истифода мешавад. Гетерополикислотаи фосфорию волфрамӣ барои истеҳсоли лак ва рангҳои ба нури офтоб устувор ашёи асосӣ ба ҳисоб меравад.

Таҷҳизоте, ки бо истифодаи волфрам сохта шудааст, мустаҳкаму ба зангзанӣ тобовар мебошанд. Танҳо алмос аз волфрам сахттар аст.

Волфрам зимни истеҳсоли таҷҳизоти рентгенӣ, муҳаррикҳои ракетаҳо, реакторҳои термоядроӣ, силоҳҳои гуногун низ истифода бурда мешавад.

Металли дигаре, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он ном бурданд, литий мебошад. Ин металли сабук аз асри XIX дар саноат истифода бурда мешавад. Дар ибтидо онро барои истеҳсоли шиша ва чиниворӣ истифода мебурданд.

Баъдан истифодаи он дар соҳаи металлургия ва энергетикаи атомӣ вусъат ёфт. Солҳои охир харидорони ин фулузоти нодир, бинобар зиёд шудани талабот ба нақлиёти барқӣ дар ҷаҳон, якбора афзуд. Масалан, барои истеҳсоли як батареяи электромобили тамғаи «Tesla Model S» 63 кило литий зарур аст.

Соли 2019 талаботи мамолики ҷаҳон ба литий 57 ҳазору 700 тоннаро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли 2018- ум 18 фоиз бештар буд. Мувофиқи пешгӯии созмони «Global Data» то соли 2024 талабот ба ин металли нодир 2,5 маротиба афзуда, 117 ҳазор тоннаро ташкил хоҳад дод.

Аккумуляторҳои литийдор на танҳо барои электромобилу электробус, балки барои неругоҳҳои офтобию шамолӣ низ бо мақсади захира намудани неруи барқ заруранд.

Литий барои захира кардани неруи барқи телефонҳои мобилӣ ва ноутбукҳо низ элементи зарурист. Литийро, инчунин дар соҳаи тандурустӣ зимни муолиҷаи беморони гирифтори афсурдаҳолӣ истифода мебаранд.

Тавре мебинем, доираи металлҳои зикршуда хеле васеъ буда, тибқи дастури Пешвои миллат мавриди коркарди ниҳоӣ, қарор гирифтани онҳо боиси таъсиси ҳазорон ҷойи нави корӣ ва рушди соҳаи саноати мамлакат мешавад.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

(Идома аз саҳ. 2)

# ЯК ГУЛ БИДИҲАНДУ САД БАҲОРАТ БИБАРАНД

## СУДУ ЗИЁНИ ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОИРО ДАР БАЪЗЕ МАВРИД ЧУНИН МЕТАВОН ТАФСИР КАРД

Баръакс, онҳо барои диққатҷалбкунанда шудани шабакаҳои мазкур ва бештар гардидани теъдоди истифодабарандагони онҳо чунин корро анҷом медиҳанд, зеро чӣ қадаре истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ зиёд шаванд, ҳамон андоза дар серверҳои моликони онҳо иттилооти бештар ҷамъоварӣ мешавад. Сипас иттилоот коркард гардида, ба доираҳои ҳавасманду манфиатдор фурӯхта мешавад. Ба иборaи дигар, ширкатҳое, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷамъоварии маълумот машғул ҳастанд, табъу завқи харидоронро пеш аз дигарон муайян менамоянд ва маҳсулоте, ки дар асоси чунин иттилоот тавлид мегардад, дар бозор зуд харидор пайдо менамояд. Ҳар амале, ки истифодабарандаи шабакаи иҷтимоӣ дар фазои маҷозии интернет анҷом медиҳад, иттилооте мебошад, ки минбаъд коркард мешавад. Масалан, дар саҳифаи интернетии худ ворид намудани расмҳо, матнҳо, видеороликҳо, сабтҳои аудиоӣ, писандидан, написандидан, шарҳнависӣ, ба дигарон фиристодани матлабҳо ва ғайра амалҳои маҷозие ба шумор мераванд, ки барои муайян намудани табъу завқи одамон кумак мерасонанд.

Дар сиёсат низ вазъият чунин буда, ширкатҳои давлатию ғайридавлатие мавҷуданд, ки самти асосии фаъолияти онҳоро «консалтинги сиёсӣ» ташкил медиҳад. Ба иборaи дигар, рӯзгор ҳамаро муҳтоҷи иттилоъ кардааст.

Вобаста ба ин Хуҷамурод Сафаразода маълумоти ҷолиб пешниҳод кард: «Дар ИМА ширкати ғайритиҷоратии «RAND Corporation» барои иҷрои вазифаҳои стратегӣ дар доираи фармоишҳои Кохи сафед, Пентагон ва дигар сохторҳои давлатӣ ба онҳо маълумоти дорои аҳамияти стратегӣ пешниҳод менамояд. Ғайр аз ин, СММ, Иттиҳоди Аврупо, Бонки ҷаҳонӣ, фондҳои Сорос ва Рокфеллер, донишгоҳҳои Гарвард ва Стэнфорд ва баъзе ширкатҳои фаромиллӣ аз хизматрасонии «RAND Corporation» истифода менамоянд». Инчунин, ширкатҳои дигаре низ мавҷуданд, ки самти фаъолияти онҳо «консалтинги байналмилалӣ» ба ҳисоб меравад. Нигаронкунанда он аст, ки ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ ба хизматрасонии чунин ширкатҳо рӯ овардаанд ва барои баъзеи онҳо ҳадафмандона чунин имконият ройгон пешниҳод мешавад.

### ДАСТРАСӢ БА ИТТИЛООТ ВА МУҚАРРАРОТИ МАРБУТ БА СИРРИ ДАВЛАТӢ

Айни замон низ мубориза барои иттилоот хеле тезутунд аст. Гуфтан мумкин аст, ки ба даст овардани иттилоот ва мубориза барои он яке аз унсурҳои муҳимтарини муҳорибаҳои иттилоотиро дар ҷаҳони муосир ташкил медиҳад. Мутаассифона, дар ин раванд аксар маврид роҳҳои қонунии дастрасӣ ба иттилоот сарфи назар мегардад.

Бамаврид аст шарҳ диҳем, ки дар кишвари мо санади меъёрии ҳуқуқии асосие, ки ба масъалаи мавриди назар дахл дорад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» мебошад. Мақсади қонуни мазкур фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои амалӣ гардонидани ҳуқуқи ҳар шаҳрванд ба ҷустуҷӯи озодонаи иттилоот ва ба даст даровардани он, ҳамчунин таъмини ошкорои иттилоотии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилоту мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мебошад.

Дар он дастрасӣ ба иттилоот – ҳуқуқи ҳар шаҳрванд ба ҷустуҷӯи озодонаи иттилоот ва ба даст даровардани он аз мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ, дигар мақомоту ташкилотҳое, ки давлат ба онҳо ваколатҳои омирона додааст, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдори онҳо, ки ин иттилоотро қонунан дороанд, муқаррар шудааст.

Дастрасӣ ба иттилоот наметавонад маҳдуд карда шавад, агар он барои қонеъ гардонидан, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсоне зарур бошад, ки барои дастрас намудани иттилооти мазкур муроҷиат кардаанд, ба шарте ки он мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо дар соҳаи сирри давлатӣ ба гурӯҳи иттилооти дастрасиаш маҳдуд мансуб набошад.

Тибқи муқаррарот, дастрас ва ошкоро будани иттилоот, ҳаққоният ва мукаммалии иттилоот, сари вақт пешниҳод кардани иттилоот, ҳифзи ҳуқуқи дастрас намудани иттилоот, аз ҷумла аз тариқи суд, ҷавобгарӣ барои риоя накардани ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони сеюм ҳангоми вогузоштани иттилоот принсипҳои асосии дастрас кардани иттилоот мебошанд.

Дархост ба мақомот, ташкилот ё шахсони мансабдоре, ки ба ақидаи талабгор, иттилооти барояш зарурӣ доранд, фиристода мешавад. Дар он ному насаби шахсе, ки барои гирифтани иттилоот муроҷиат кардааст, номи ташкилоте, ки аз номи он дархост шудааст, ном ва насаби шахсе, ки ҷавоб бояд ба ӯ фиристода шавад, нишонии почта, рақами телефон ё факс, нишонии почтаи электронӣ барои ҷавоб ё аниқ кардани хусусияти дархост ва ҳамчунин шакл ва тарзи ҷавоби дархостшуда зикр карда мешавад. Ҷавоби дархост дар бораи гирифтани иттилоот дар муҳлати кӯтоҳ, вале на дертар аз сӣ рӯзи тақвимии баъди гирифтани дархост фиристода мешавад.

Агар дар муҳлати муқаррargардида пешниҳод кардани иттилооти дархостшуда имконнопазир бошад, ба дархосткунанда дар давоми ҳафт рӯзи кории баъд аз гирифтани дархост дар бораи ба дигар вақт мондани муҳлати ҷавоб огоҳинома фиристода мешавад. Агар мақомот ё ташкилоти дархостномагирифта иттилооти дархостшударо надошта бошад, бояд дар давоми ҳафт рӯз аз ин хусус ба дархосткунанда хабар диҳад ва ҳамчунин, аз рӯи имконият ба ӯ маълумоти мақомот, ташкилот ё шахсеро, ки дорои иттилооти дархостшуда мебошад, пешниҳод намояд ё худ маълумоти мақомот ё ташкилотеро, ки дархости мазкур ба онҳо фиристода шудааст, зикр кунад.

Ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳоро дар соҳаи ҳифзи манфиатҳои давлат ба танзим меоваранд, иттилооти дорои сирри давлатӣ ё хизматӣ, дар бораи ҳаёти хусусии шахс бе розигии ӯ, ба шарте ки дар қонунҳои ҷорӣ тартиботи дигар пешбинӣ нашуда бошад, дар бораи бо тартиби муқаррарнамудаи қонун анҷом додани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тафтишот, дар бораи баррасии парвандаҳои граждании ва ҷиноятӣ, хоҷагӣ ва мавод оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар мавридҳое, ки фош кардани ин маълумот бо қонун манъ карда шудааст ё метавонад боиси риоя нашудани ҳуқуқи инсон ба баррасии холисонаи судии парванда гардад, ба ҳаёт ва ё саломатии шаҳрвандон таҳдид намояд, пешниҳод кардан мумкин нест. Мақомот ё ташкилот, шахсони мансабдори онҳо метавонанд аз пешниҳоди иттилооти дархостшаванда худдорӣ намоянд.

Дар шароити рӯз то рӯз шиддат гирифтани бархӯрди манфиатҳо ва тавсеаи ҷаҳонишавӣ ба дӯши онҳое, ки бо иттилоот марбутанд, масъулияти бузурги ташаккули афкори ҷомеа вогузор аст. Биноан, ҳар нафар дар баробари ҳуқуқҳояш бояд ба уҳдадориҳо ва масъулият низ муносибати дуюмдараҷа зоҳир насозад.




### ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ, ЗЕҲНИ СУНЪӢ ВА ЯРОҚИ ИТТИЛООТӢ

Ғайр аз ин, ширкатҳои технологӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷамъоварии иттилоот ва ташкил намудани захираҳои азими иттилоотӣ машғуланд, то дар оянда истифодаи зеҳни сунъиро имконпазир гардонанд. Моҳияти ин масъала дар он ифода меёбад, ки зеҳни сунъӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳои хабарӣ, видеопорталҳо, сомонаи агентиҳои иттилоотӣ ва ғайра) барои муайян намудани афкори ҷамъиятӣ, рӯҳия ва боварҳои мардум истифода мешавад. Чунин маълумот минбаъд ба яроқи иттилоотӣ табдил дода шуда, дар ихтиёри ҳаводорону ниёзмандон гузошта мешавад.

Барои он ки самаранокии зеҳни сунъӣ баланд бардошта шавад, захираҳои азими иттилоотӣ (big date) лозиманд. Аз ин рӯ, ҷамъоварии иттилоот барои баланд бардоштани имкониятҳои зеҳни сунъӣ ба роҳ монда шудааст. Ҷамъоварии иттилоот, афзун гардонидану дар серверҳои азим нигоҳ доштани онҳо бо мақсади беҳтару хубтар намудани истифодаи зеҳни сунъӣ анҷом дода мешавад. Олими хитоӣ ва яке аз созандагони назарияи зеҳни сунъӣ Кай Фу Ли зикр кардааст, ки тавсеаи электрификатсия бо шарофати мавҷудияти шарту шароити зерин ба амал омад: сӯзишвории истихроҷшудае, ки барои истеҳсоли қувваи барқ зарур буд, соҳибкороне, ки бо истифодаи қувваи барқ корхонаҳои навро ба кор андохтанд, муҳандисон-электрикҳое, ки фаъолияти онҳоро танзим менамуданд, дастгирии давлатие, ки барои рушди инфрасохтори он зарур буд. Ба ин монанд, барои он ки дар асри XXI зеҳни сунъӣ дар хизмати инсоният қарор дода шавад, чор шарт зарур аст: иттилооти барзиёд, соҳибкорони ба истифодаи зеҳни сунъӣ ҳавасманд, мутахассисони соҳаи зеҳни сунъӣ ва дастгирии давлатӣ.

Давлатҳое, ки чунин зарурaтро дарк кардаанд, дастгириро ба ширкатҳои тавлидкунандаи технологияҳои ҷадид дареғ намедоранд. Ин аст, ки як қатор давлатҳо, аз қабили ИМА, Чин, Сингапур, Австралия, Олмон, Фаронса, Британияи Кабир ва ғайра, дар ин самт кӯшиши зиёд анҷом дода истодаанд.

Истифодаи зеҳни сунъӣ аллакай самаранокии худро нишон додааст. Дар баробари ҷанбаҳои зикршуда шабакаҳои иҷтимоӣ зеҳни сунъие мебошанд, ки ба моликони худ миллиардҳо доллари ИМА фоида оварда истодаанд. Калонтарин ширкатҳои технологии ҷаҳон, ба монанди «Apple», «Microsoft», «Alphabet Inc», «Facebook», «Alibaba Group», «Tencent Holdings», «Samsung Group», «Amazon», «eBay», «IBM», «Baidu», «Google», аз ҳамон ҷумлаанд.

### ИНҚИЛОБҲОИ ФЕЙСБУКИВУ ТВИТЕРӢ ВА ТАДБИРАНДЕШИҲОИ БЕТАЪХИРИ ХИТОЙ ВА ЭРОН

Дар ҷаҳони мутамаддин идеология ба силоҳи асосии мубориза дар ҳама ҷанба табдил ёфта, дар сурати оқилона ва фаврӣ истифода шудан ғолибияти ин ё он кишвар ва натиҷаҳои хуб додани дилхоҳ иқдомро таъмин менамояд. Бино ба гуфти ҳамсуҳбатам, дар шабакаҳои иҷтимоӣ татбиқи сиёсати дугонаро низ мушоҳида намудан мумкин аст. Барои мисол, як қатор давлатҳо шабакаҳои иҷтимоии «YouTube», «Facebook», «Twitter», «Instagram» ва чанде дигаронро уҳдадор намудаанд, ки ҳама гуна иттилооти хусусияти террористию экстремистидоштаро дар муддати кӯтоҳ аз саҳифаҳои худ тоза намоянд. Бояд донист, ки ин талабот нисбат ба давлатҳои абарқудрат, пуштибонони ширкатҳои технологӣ ва шариконии стратегии онҳо татбиқ шуда истодааст. Шоҳидем, ки дар муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамарӯза даҳҳо видеоролику матолиби экстремистию террористӣ дар чунин шабакаҳо пахшу нашр мешаванд, аммо моликони шабакаҳои иҷтимоӣ бетафовутанд. Нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар ташкили ҳаракатҳои эътирозӣ соли 2011, замоне ки мавҷи инқилобҳо кишварҳои арабиро фаро гирифта буд, баръало буд. Он замон шабакаҳои иҷтимоии «Twitter» ва «Facebook» ба эътирозгарон имкон доданд, ки фаъолияти худро ҳамоҳанг созанд ва одамони зиёдро ба эътироз даъват намоянд. Чунин вазъиятро таҳлилгарон инқилоби интернетӣ ва баъзан «инқилоби твиттерӣ» ё «инқилоби фейсбукӣ» номида буданд.

Барои тақвияти суханонаш Хуҷамурод Сафаралиzода мисол овард: «Моҳи феврали соли 2011 дар сомонаи Оҷонсии иттилоотии «Ал-Ҷазира» (Қатар) нисбат ба воқеаҳои баҳори араб чунин навишта буданд: «Иттилоот - тавоноӣ аст. Дар асри иттилоотӣ бошад, «YouTube», «Facebook» ва «Twitter» яроқи муосири сафарбар намудани омма мебошанд». Шабакаи телевизионии CNN воқеаҳои мазкурро инқилоби интернетӣ ва инқилоби насли дуюм муаррифӣ карда, хулоса чунин буд: «Ташкилкунандагони инқилобҳои ранга тавассути иқтидори манипулятивии ВАО-и муосир (интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ) онҳоро тавре рӯнамой менамоянд, ки ба инқилобҳои объективӣ шабоҳати бештар пайдо мекунанд. Аммо таҳлили равандҳои сиёсии ҷомеа, махсусан раванди ба амал омадани инқилобҳои ранга, ба назар гирифтани заминаҳои пайдоиш ва натиҷаҳои он нишон медиҳанд, ки ба таври объективӣ шакл гирифтани вазъият натиҷаи назарфиребии сиёсӣ аст».

Тамоюли мазкурро ба назар гирифта, баъзе кишварҳо як қатор шабакаҳои иҷтимоиро созмонҳои экстремистӣ эълон намудаанд. Барои мисол, аз моҳи марти соли 2022 бо қарори Суди шаҳри Москва фаъолияти шабакаҳои иҷтимоии «Facebook» ва «Instagram» экстремистӣ эътироф шуд. Молики шабакаҳои мазкур ширкати «Meta Platforms Inc» созмони экстремистӣ эътироф гардид. Мисолҳои зиёде мавҷуданд, ки истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла «Twitter», «Instagram», «Facebook», «YouTube», «LinkedIn» ва мессенҷерҳои «Skype», «Whatsapp», «Viber», «Zello» дар кишварҳои гуногуни олам ҳамчун шабакаҳои шубҳаовар ва хатарзо имконнопазир аст.

Месазад ёдовар шавем, ки дар баъзе кишварҳо барои рӯи кор овардани шабакаҳои иҷтимоии ватанӣ ҷиддӣ машғуланд. Дар ин самт Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Исломии Эрон муваффақияти бештар доранд. Барои мисол, дар Хитой шабакаҳои иҷтимоии «WeChat», «Sina Weibo», «Douyin/TikTok», «Youku/Tudou», «Tencent QQ» ва дар Эрон шабакаҳои иҷтимоии «Gap», «Soroush», «iGap», «Parsijoo», «Cloob», «Cafe Bazaar», «DigiKala» ва «Aparat» пурра ҷойгузини шабакаҳои иҷтимоии хориҷӣ шудаанд.

- Таҷрибаи давлатҳои гуногун нишон медиҳад, ки онҳо барои пешгирӣ намудани таъсири манфии шабакаҳои иҷтимоӣ вобаста ба имкониятҳои техникию технологиашон усулҳои гуногунро истифода мебаранд. Як қисм давлатҳо шабакаҳои иҷтимоиро дар ҳолатҳои фавқулода муваққатан дастнорас мегардонанд. Давлатҳое, ки имкониятҳои зиёди технологӣ доранд, аз ҷумла Хитой, шабакаҳои иҷтимоии барои онҳо зароровaрро дастнорас гардонида, ба ҷойи онҳо шабакаҳои иҷтимоии ватаниро, ки танзимашон осон аст, мавриди истифода қарор дода истодаанд, - хулоса кард Хуҷамурод Сафаралиzода.

Шоҳидем, ки дар фазои иттилоотии кишварамон солҳои охир созмонҳои экстремистию террористӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароии хешро тарғиб менамоянд. Дар натиҷа, қисме аз ҷавонони кишвар, бахусус муҳоҷирони меҳнатӣ, дар шабакаҳои иҷтимоӣ мағзшӯйӣ ва ба доми созмонҳои фаъолияташон мамнӯъ афтодаанд.

Мо дар замони пуртазод зиндагӣ мекунем ва мушоҳида мешавад, ки давлатҳои низоми сиёсиашон гуногун, ташкилотҳои байналмилалӣ барои амалӣ намудани «тарҳ»-ҳои худ беш аз пеш ҳавасманд ҳастанд, ки дар баъзе маврид бо манфиатҳои кишварҳои дигар, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, созгор нест. Ашхоси огоҳ хуб медонанд, ки гурӯҳҳои динӣ - экстремистӣ ва террористии трансмиллӣ худ аз худ пайдо намешаванд ва барои рӯи кор омадани онҳо ҳатман давлат ё ташкилоте ҳавасманд аст. Бо назардошти ин, барои тақвияту тавсеаи зиракии сиёсӣ, пеш аз ҳама, ташаккули тафаккури миллӣ, худшиносии миллӣ ва ғояи миллӣ зарур аст. Зарур аст, ки ба дасисаву фиреби доираҳои манфиатхоҳи бегона фирефта нагардем, мардумро муттаҳид ва субoти сиёсиро боз ҳам устувор гардонем.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

Табиби ман – ҳабиби ман

# АЗ ДУО ТО ИФТИХОРИ ПАДАР

**Шунидам, ки духтури номдори кӯдакон Додарҷони Маҳмадҷон барои чанд рӯз ба дидорбинии хешовандон омадааст. Баъд аз анҷоми соати корӣ аз шаҳраки Ғарм ҷониби ноҳияи Тоҷикобод роҳ пеш гирифтам. Медонистам, ки ӯ ба синни ҳафтод қадам гузоштааст. Хостам ӯро дар зодгоҳаш бинам, ба ин санаи муборак табрик гӯям ва соате аз рӯзгори гузаштаю имрӯза суҳбат кунем…**

Ӯ дар ҳалқаи хешу табор болои кати барҳаво нишаста буд. Ҳамдигарро ба оғӯш кашидем.

Насими нарм мевазид. Саҳни ҳавлӣ нишаста будем. Ҳаво хеле форам буд. Офтоби дами бегоҳ гоҳ-гоҳ аз чанголи абри сиёҳ берун мешуд ва ба атроф гармию рӯшанӣ ҳадя мекард.

- Табиати кӯҳистон аз водӣ фарқ дорад,- гуфт духтур Додарҷон. - Бинед, баъд аз борон табиат чӣ қадар зебост. Агар ҳақиқатро бигӯям, ин табиатро пазмон мешавам. Меояму аз тамошояш сер нашуда, рухсатӣ тамом мешавад. Ноилоҷ меравам ба шаҳр.

Як зум лаб аз гуфтор фурӯ мебандад. Таги чашм ба чеҳраи вай менигарам. Нигоҳи ташнааш васати деҳа медавад. Дигарҳо низ сукут меварзанд. Шояд намехоҳанд ба Додарҷони ташнаи тамошои зодгоҳаш халал расонанд.

Дар ҳақиқат деҳаи Шавриқиён дар мавзеи хеле зебо ҷой гирифтааст. Ҳоло ба деҳа Шарқиён ном гузоштаанд, намедонам чаро? Аммо солҳои донишҷӯӣ ҳамроҳи пирамарде аз Душанбе ҷониби Рашт ҳамсафар будам. Мӯйсафед зодаи ҳамин деҳа буд. Дар омади гап маънии номи деҳаро пурсидам.

- Дар Ҳоит дарае бо номи Шавр мавҷуд аст. Охирон деҳаи дара низ Шавр ном дорад. Деҳа дар пои ағбаи Қароқушхона ҷой гирифтааст, - гуфт ҳамсафарам. Баъд аз заминларзаи соли 1949 тамоми деҳаҳои дараи Шавр вайрон шуданд. Масофаи дара то пои ағба аз бист километр бештар аст. Имрӯз ҳам роҳи мошингард нест. Саду панҷоҳ сол пештар дар дараи Шавр барфи баланд борида, чанд хона вайрон шуд. Оилаҳои зарардида то баҳор азоб кашида, баробари об шудани барф ба Ҳоит омадаанд. Чанд тан аз калонсолони ин қавми амлокдори Қалъаи Лаби Об хоҳиш карданд, ки дар поёни деҳаи Нӯшор ба онҳо барои бунёди деҳа замин диҳад. Амлокдор дар мавзеи деҳаи имрӯза барои онҳо замин додааст. Сокинони деҳаҳои атроф навомадагонро «Шавригиҳо» ва «Шавригиён» ном мебурдаанд. Бо мурури солҳо ин вожа шаклашро дар забони гуфтугӯи мардум тағйир дода, ба «Шавриқиён» иваз шудааст, - ҳикояашро хотима дод мӯйсафед.



Сокинони деҳа бо меҳнаткашию ҳалолкорӣ, меҳмоннавозию ҷавонмардӣ байни мардуми Раштонзамин машҳуранд. Хонаводаи Додарҷон аз оилаи номдори водӣ аст. Хурду бузурги ин хонавода ҳамеша бо заҳмати ҳалол нон хӯрдаанд ва мудом дастгири дармондагон буданду ҳастанд.

- Соле, ки ман ба дунё омадам, падарам дар деҳа набудааст, - аз нав садо баланд мекунад Додарҷон. - Баъд аз чанд моҳи фавти Сталин ба дунё омадам. Ин қиссаро раҳматии модарам мегуфт. Фасли тобистон падарам ҳамроҳи чанд тан барои даравi ғалла ба ноҳияи Данғара рафта буд. Камзаминии Раштонро ба назар гирифта давлат барои колхози мо аз Данғара чанд гектар замин ҷудо карда буд.

Дар оилаи мо пеш аз ман ду духтар таваллуд шуда буд. Нахустписар будам. Ҳадягирҳо ба Данғара рафтанд. Раҳматии падарам аз ин хабар хеле шод шуда, ба онҳо тоқию ҷома пӯшондааст, аммо барои дидани писараш баъд аз ҷамъоварии ғалла омадааст…

- Раҳматии модарам сарамро сила мекарду мегуфт: «Қадамат, ки муборак буд, баъд аз ту додаронат ба дунё омаданд».

Додарҷон аз нав сукут меварзад. Пиёлаи чойи сардшударо ба даст мегирад ва нигоҳаш ҷониби кӯҳҳои болои деҳа медавад. Касе умеди зинда монданашро надошт. Рӯзе ҳамроҳи падарам табибон ба хона омаданд. Ҳамшира ба баданаш сӯзандору гузаронда, ба табобаташ шурӯъ карданд. Ҳафтае нагузашта бародарам кӯчаравак шуд. Ба кори духтурҳо ҳавасам омад. Орзу кардам, ки агар мактабро хатм кунам, духтур мешавам.

- Мактаби таҳсилоти миёнаи умумиро дар деҳаи Нӯшор хатм кардам. Ба Душанбе рафтаму ба Омӯзишгоҳи тиббӣ ҳуҷҷат супурдам. Баъди хатми омӯзишгоҳ тибқи роҳхати Вазорати тандурустӣ ба ноҳияи Ғарм (Рашт) баргаштам. Сардори Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ таъин карданд. Он солҳо ноҳияи Тоҷикобод тобеи ноҳияи Рашт буд. Раҳматии Додарҷон Зуҳуров, ки роҳбарии идораро ба зимма дошт, марди кордону донишманд буд. Чанде бо ҳам кор кардем, аммо завқи идомаи таҳсил оромам намегузошт. Ба роҳбари идора дар ин мавзӯъ маслиҳат кардам, писандаш омад. Дуои ӯ ва падарро гирифтаму боз ба Душанбе рафтам. Ба Донишкадаи тиббии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино) ҳуҷҷат супурда, донишгоҳро бо дипломи сурх хатм кардам. Баъди гирифтани диплом мудирони кафедраҳо мутахассисони ҷавонро мувофиқи донишу маҳорат ба ҷойи кор мефиристоданд. Ҳини тақсими мутахассисон устод Аъзам Пӯлодов ҳузур доштанд. Ҳанӯз намояндаи Вазорати тандурустӣ ҳарфе ба забон наоварда, ба аъзои комиссия рӯ оварду гуфт: «Додарҷон Маҳмадҷонов шогирди мост, вай акнун паҳлуи ман кор мекунад. Додарҷон аз курси дуюм ҳамроҳи ман фаъолият дорад.

Падари ӯ Маҳмадҷон марди номдору заҳматкаш буд. Солҳои зиёд дар вазифаҳои раиси колхозу раиси Ҷамоати деҳот кор кард. Бародараш амаки Фозил низ марди донишманду накукирдор буд. Пиру барно дар ноҳия онҳоро эҳтиром мекарданд. Маҳмадҷон солҳои душвори Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) қатори ҷавонони ғаюри ҳамдиёраш ба ҷанг рафт. Баъд аз анҷоми ҷанг ба зодгоҳ бо бадани пур аз ҷароҳат, аммо пеши бари пур аз ордену медал баргашт. Ӯ зуд-зуд бо мактаббачаҳо вохӯрда, панду андарз мегуфт. Мегуфт, ки беҳтарин неъмат барои инсон сулҳу оромист. Агар сулҳу оромӣ бошад, мардум ҳалол меҳнат кунанд, давлат рушд меёбад, онҳо серу пур зиндагӣ мекунанд. Бахту саодати сокинони кишвар ба оромии мамлакат сахт пайваст аст.

- Соли 1962 дар синфи сеюм мехондам, ки дар кӯҳистон бемории паҳн шуд. Додарам Ғафурҷон сахт бемор буд. Таби баланд дошт. Кампирҳо ба ҳалқаш об чаконданд.

Ду маротиба бо маърӯзаҳои илмӣ дар симпозиумҳои умумиittифоқии тиббӣ ширкат варзида, ҷои аввалро ишғол намуд. Медали тилло гирифт ва ба сари баланд ба Тоҷикистон баргашт. Дар ҷарроҳӣ муназзам иштирок мекунад».

Ӯ ҳамеша устодонашро ёд мекунаду бо эҳтиром номи эшонро ба забон меорад. Олимони маъруф Юсуф Исҳоқӣ, Аслиддин Осимӣ, Аъзам Пӯлодов, Аъзам Азизов, Неъмат Усмонов ба вай ҳаққи устодӣ доранд. Аммо нақши Аъзам Тоҳирович дар тарбияи ӯ дигар аст...

- Аъзам Пӯлодов марди наҷиб буданд,- мешунавам садои Додарҷонро. - Байни олимони дунё машҳур. Корҳои илмӣ ва ихтироъҳояшро онҳо эътироф мекарданду дар амал истифода мебурданд. То соли 1964 ихтисоси ҷарроҳи кӯдакона набуд дар Тоҷикистон. Ҳамон сол ӯро мудири кафедраи ҷарроҳии кӯдакона таъин намуданд. Ӯ дар ин вазифа кореро анҷом дод, ки на ҳар кас дар зиндагӣ қодир аст. Ниҳоят сахтгир буд, вале барои шогирдон меҳрубону дилсӯз.

Соле, ки Додарҷон Донишкадаи тиббиро хатм кард, ба синни 27 қадам гузошта буд. Баъд аз ду соли кор дар бемористон устодаш Аъзам Тоҳирович тавсия дод, ки ба аспирантура ҳуҷҷат супорад. Ба андеша фурӯ рафт. Магар барои таҳсил дар аспирантура дер нашуда бошад? Барои маслиҳат ба деҳа омад. Хост дуои падарро гирад.

- То синни нафақа таҳсилро идома медиҳӣ?- сухани писарашро шунида гуфт амаки Маҳмадҷон. Бас будагист. Ба тарбияи бачаҳоят машғул шав.

- Ин хел нагӯед, раис,- ба суҳбат ҳамроҳ шуд сариқтисодчии хоҷагии давлатӣ Абдусамад Идрисов, ки марди донишманду дурандеш буд. Дар Душанбе садҳо ҷавонони таҳсилкарда орзу доранд, ки устодони фарзона онҳоро барои идомаи таҳсил ҳидоят кунанд. Ба рӯи писари ту бахт хандидааст. Маълум аст, ки донишу маҳораташ ба роҳбарон писанд аст. Ба вай бовар доранд. Шукрона кун ва дуо деҳ.

Амаки Маҳмадҷон ба писараш нигаристу бо аломати ризо сар ҷунбонд...

Солҳо гузаштанду бисёриҳо ҳангоми вохӯрию суҳбатҳо ба амаки Маҳмадҷон арзи сипос мекарданд, ки фарзанди онҳоро писари донишмандаш табобат кард. Ӯ аз фарзанди худ ифтихор мекард.

- Ман бо тавсияи устоди азизам Аъзам Тоҳирович дар мавзӯи «Сангҳои кӯфташудаи иҳлил дар кӯдакони ширхора» ба пажӯҳиш оғоз намудам.

Ҳимояи рисолаи номзадӣ дар шаҳри Ленинград соли 1987 баргузор шуд. Олимони маъруфи замон он ҷо ҷамъ шуда буданд. Олими гурҷӣ Д. Д. Мурванидзе ба маърӯзаи Додарҷон баҳои баланд дод. Гуфт, ки кори анҷомдодаи шумо барои унвони доктористь. Агар қонунҳои амалкунанда иҷозат медоданд, пешниҳод мекардам, ки ба шумо унвони доктори илми тибро диҳанд. Мо шуморо вазифадор мекунем, ки як-ду соли дигар заҳмат кашед, ба унвони докторӣ ноил шавед.

Додарҷон ба Тоҷикистон баргашт. Кори илмиашро идома дод. Афсӯс, ки болои Тоҷикистонро абри тира пӯшиду фоҷиаи бузург рух дод. Дигар масъалаи соҳиб шудан ба унвони докторӣ аз ёдаш рафт. Ҳарчанд кори илмӣ омода буд, вале вазъият имкон надод, ки рисолаи докториашро ҳимоя кунад.

- Ман мутахассиси касалиҳои гурдаи кӯдакон мебошам. Дар вазифаи ассистенти кафедраи ҷарроҳии кӯдакон шаш-ҳафт сол кор кардам. 15 сол мудири шуъба будам. Дар Тоҷикистон бемории дарди гурда байни кӯдакон хеле зиёд аст. Дар давраи фаъолиятам беш аз 2800 ҷарроҳӣ гузаронидам. Хушбахтона ҳамаи он хуб анҷом ёфтааст.

Додарҷон бори аввал дар зиндагӣ аз марги нобаҳангоми ҳамсараш дард кашид. Ҳамсари нозанинаш баъд аз тавлиди писараш Манучеҳр бемор шуд. Ӯро дар Беморхонаи марказии шаҳраки Ғарм ҷарроҳӣ карданд. Ҳамагӣ нуздаҳсола буд. Баъд аз ҷарроҳӣ ба худ наомад. Дар беморхона ҷон доду писари шашмоҳааш бе модар монд. Бо мурури солҳо дарди ҷонгудози ҷудоӣ Додарҷонро азоб медод. Дард гум шуд, аммо ҳанӯз сӯзаш мондааст.

Се сол баъд аз марги ҳамсараш оиладор шуд. Аз зиндагии якҷоя соҳиби чор фарзанд шуданд. Имрӯз фарзандонаш ба мисли падару модар ба Ватану миллат содиқона хизмат мекунанд...

Додарҷон ба тибби тоҷик хизмати арзанда кардааст. Аз тавсифномаи ба ӯ додашуда порае ба ёдам меояд:

«Аз тарафи Маҳмадҷонов Д.М. 131 мақолаи илмӣ, 23 таклифи навоварӣ, 6 дастури методӣ, монография бо номи «Урологияи кӯдакон» ва 3 монография бо ҳаммуаллифон ба чоп расидааст. Муаллифи 5 ихтироот мебошад. Аз соли 1991 ҷарроҳи дараҷаи олӣ буда, бо нишони Аълочии тандурустии Тоҷикистон сарфароз шудааст. Аз соли 2011 то ҳол сармутахассиси Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба урологияи кӯдакона мебошад».

- Даврони истиқлолият шароити хуб барои кормандони тиб фароҳам омад. Замони шӯравӣ барои мо маҳдудият буд. Истиқлолият ин маҳдудиятро аз байн бурд. Ман ба Амрико рафта, чор моҳ таҷриба омӯхтам. Се-чор маротиба барои такмили ихтисос ба Ҷумҳурии Халқии Хитой рафтам.

Ҳамаи ин дастовардҳо самараи сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, - мегӯяд ӯ.

Пардаи торикӣ фазои деҳаро батадриҷ мепӯшонд. Аз нав абри сиёҳ осмонро фаро мегирифт. Тундар нақора мезад ва аз омад-омади борон дарак медод. Аз ҷо баланд шудам ва бо Додарҷони Маҳмадҷон худоҳофизӣ кардам. Дилам намехост аз суҳбати ин табиби донишманд бархезам, вале димоғи сӯхтаи ҳаво маро саросема кард...

**Диловари МИРЗО,**
**«Садои мардум»**

**Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 416683 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Корҳои таъмирӣ дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.07.2023 14:25:25 |
| 2 | 416669 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии беморихои дил» | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 40 | 03.08.2023 16:10:00 |
| 3 | 416671 | Муассисаи давлатии «Телевизиони сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» | Молҳои хоҷагидорӣ, барқӣ ва коммутаторҳои шабакавӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 03.08.2023 16:30:19 |
| 4 | 416670 | Муассисаи давлатии «Мактаби бачагонаи мусиқии №1 ба номи П. И. Чайковский» | Асбобҳои мусиқӣ ва камераҳои назоратӣ дар маҷмӯъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 03.08.2023 16:40:11 |
| 5 | 416672 | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Техникаи кишоварзӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 04.08.2023 10:00:00 |
| 6 | 416674 | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Идомаи сохтмони бинои шуъбаи омори Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Муъминобод | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.08.2023 11:00:00 |
| 7 | 416676 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Бензини навъи АИ-92 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 04.08.2023 11:15:55 |
| 8 | 416678 | «Беморхонаи клиникии ба номи Б. Воҳидов»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Сӯзишворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 04.08.2023 11:30:55 |
| 9 | 416681 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар | Сохтмони роҳи пиёдагузар дар кӯчаи Кайҳоннавардони шаҳри Бохтар | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.08.2023 11:50:15 |
| 10 | 416680 | Муассисаи давлатии «Маркази хизматрасонии «Обшорон» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 04.08.2023 12:00:00 |
| 11 | 416684 | Муассисаи давлатии «Назорати ҳолати мелиоративии заминҳо ва истифодаи об»-и АБЗ ва О | Азхудкунии заминҳои нав дар мавзеъҳои Говди боло, Псода ва дараи Калпи Ҷамоати деҳоти Ваҳдати ноҳияи Сангвор, сохтмони канал ва қубури фишораш баланд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.08.2023 14:15:00 |
| 12 | 416675 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ниҳоли гулҳои хризантема, геран ва салвия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 04.08.2023 14:44:44 |
| 13 | 416687 | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Техникаи кишоварзӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 04.08.2023 14:45:00 |
| 14 | 416686 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Доруворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 04.08.2023 14:50:00 |
| 15 | 416685 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири асосии намои шуъбаи таваллуди Беморхонаи марказии ноҳияи Спитамен | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.08.2023 14:55:00 |
| 16 | 416688 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Доруворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 04.08.2023 15:00:00 |
| 17 | 416673 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» | Лента барои боғоҷ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 07.08.2023 10:12:11 |
| 18 | 416659 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.08.2023 10:21:58 |
| 19 | 416699 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии беморихои дил» | Молҳои нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 24.07.2023 16:30:00 |
| 20 | 416718 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии сохтмон»-и шаҳри Кӯлоб | Кандан ва насби тиреза | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.07.2023 10:03:06 |
| 21 | 416691 | Муассисаҳои кумаки аввалияи тиббӣ - санитарии ноҳияи Хуросон | Кондитсионер, мебел ва молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 04.08.2023 15:05:10 |
| 22 | 416693 | Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» | Нармафзор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 04.08.2023 15:10:00 |
| 23 | 416694 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Вахш | Сӯзишвории дизелӣ, қуми шуста, сангреза, тахтасанги бетонӣ, корди автогрейдер ва чархи резинӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 04.08.2023 15:10:45 |
| 24 | 416696 | Муассисаи давлатии «Маркази таъминоти варзишӣ» | Молҳои варзишӣ, либос ва пойафзоли варзишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 04.08.2023 15:30:23 |
| 25 | 416697 | Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Ҷ. Балхӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 04.08.2023 15:35:50 |
| 26 | 416695 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони дегхона ва системаи гармидиҳии бинои «Беморхонаи ҷумҳуриявии физиотерапевтии ба номи А. Нурматов»-и шаҳри Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.08.2023 15:40:00 |
| 27 | 416698 | Муассисаи давлатии «Маркази микроҷарроҳии чашм»-и вилояти Суғд | Реактив, тест ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 04.08.2023 16:22:22 |
| 28 | 416700 | Муассисаи давлатии «Маркази микроҷарроҳии чашм»-и вилояти Суғд | Таҷҳизот ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 04.08.2023 16:47:47 |
| 29 | 416701 | Раёсати фарҳанги вилояти Суғд | Сарулибоси саҳнавӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 04.08.2023 17:03:30 |
| 30 | 416682 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 92 | 04.08.2023 17:05:00 |
| 31 | 416704 | Муассисаи давлатии «Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам (ВНМО)» - и шаҳри Душанбе | Молҳои техникӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 04.08.2023 17:10:00 |
| 32 | 416703 | Бахши фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯшониён | Дастгоҳи тақвияти овоз ва таҷҳизоти студиявӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 04.08.2023 17:10:45 |
| 33 | 416706 | Муассисаи давлатии «Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам (ВНМО)»-и шаҳри Душанбе | Таҷҳизоти тиббӣ, маводи лабораторӣ ва дастгоҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 04.08.2023 17:20:00 |
| 34 | 416705 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Бохтар | Реагент | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 04.08.2023 17:20:20 |
| 35 | 416707 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №66 | Масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 04.08.2023 17:30:00 |
| 36 | 416708 | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои варзишӣ, техникаи маишиву идоравӣ, смарт - соат, матрас ва маркази мусиқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 04.08.2023 17:50:00 |
| 37 | 416709 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ, бензин ва гази моеъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 07.08.2023 08:20:59 |
| 38 | 416710 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Консол (баландгӯяк), дастгоҳи идоракунии марказӣ, қабулкунак барои низоми тарҷумаи синхронӣ, консоли баландгӯяки тарҷумон ва гӯшмонак (наушники) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 07.08.2023 10:00:00 |
| 39 | 416711 | Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Суғд | Гул, сипоснома ва ноутбук | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 07.08.2023 10:00:00 |
| 40 | 416712 | КВД «Сохтмони асосӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав | Корҳо дар самти сангфаршкунӣ ва асфалпӯшкунонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.08.2023 10:05:00 |
| 41 | 416667 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Пойафзол | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 07.08.2023 10:26:16 |
| 42 | 416713 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Иҷозатномаи барномаи хизматрасонӣ барои сервер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 07.08.2023 10:30:00 |
| 43 | 416716 | Шуъбаи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун | Гузаронидани хатти оби гарм дар Муассисаи таълими томактабии №6, воқеъ дар кӯчаи 25-солагии Истиқлолияти шаҳри Роғун | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.08.2023 11:40:00 |
| 44 | 416717 | Литсейи давлатии №1-и шаҳри Бохтар | Таъмири намои бино ва фарши литсей | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.08.2023 12:00:25 |
| 45 | 416719 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Ҷ. Балхӣ | Таъмири муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.08.2023 13:25:05 |
| 46 | 416720 | Муассисаи давлатии «Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим»-и ноҳияи Ҷ. Балхӣ | Таъмири ҷории девор ва роҳрави муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.08.2023 13:35:15 |
| 47 | 416721 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №43-и ноҳияи Ҷайҳун | Таҷҳизоти идоравӣ, маводи канселярӣ, хоҷагидорӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 07.08.2023 14:00:30 |
| 48 | 416679 | Дастгоҳи раиси ноҳияи Ванҷ | Бензини навъи АИ92 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 07.08.2023 17:00:00 |
| 49 | 416722 | Муассисаи таҳсилоти умумии асосии №45-и ноҳияи Нуробод | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.08.2023 17:55:58 |
| 50 | 416714 | Муассисаи тахсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.08.2023 10:32:26 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мухлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд ҶҲАТ), барои иштирок дар озмуни тендерии харид аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи **3 лот**, ки аз тарафи шарики рушд, аз рӯи лоиҳаҳои «Суръат бахшидани фаъолиятҳои маҳаллӣ дар шароити бухрони гуманитарӣ ва тандурустӣ» ва лоиҳаи «Тақвияти иқтидори маҳаллӣ ва миллӣ ҷиҳати омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар кишварҳои аз заминларза ва офатҳои табиӣ осебпазири Осиёи Марказӣ», аз ҷониби Бюрои кумакҳои башардӯстонаи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмиллалӣ (USAID\BHA) ва Салиби Сурхи Олмон маблағгузорӣ мешаванд, даъват менамояд.

**Аз рӯи лоиҳаи «Суръат бахшидани фаъолиятҳои маҳаллӣ дар шароити бухрони гуманитарӣ ва тандурустӣ» (ECHO PPP) (Мухлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо аз рӯи лоиҳаи ECHO PPP: то 4-уми августи соли 2023, соати 17.00 бо вақти Душанбе муайян карда мешавад):**

**Лоти 1: Гузаронидани 21 адад тренинги бозомӯзии аъзои мақсадноки КМҲФ оид ба коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ (DRR), CBDRR (коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ дар сатҳи маҳал), тағйирёбии иқлим ва таҷрибаҳои мусбати экологӣ;**

**Лоти 2: Ташкил намудани 21 тренинг оид ба таҳияи нақшаҳои коҳиш додани хавфи офати табиӣ дар сатҳи маҳал бо назардошти системаи огоҳкунии пешакӣ, тартиботи амалиёти меъёрӣ ва харитасозии маҳал бо иштироки аъзои КМҲФ ва шарикон тибқи марҳилаи дуюми лоиҳаи ECHO-PPP (дар 21 деҳаи мақсадноки лоиҳа)**

**Аз рӯи барномаи «Тақвияти иқтидори маҳаллӣ ва миллӣ ҷиҳати омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар кишварҳои аз заминларза ва офатҳои табиӣ осебпазири Осиёи Марказӣ», аз ҷониби Бюрои кумакҳои башардӯстонаи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ маблағгузорӣ мешавад (USAID\BHA):**

**Лот 3: Таҳия ва чопи маводи иттилоотӣ ва тайёр намудани лавҳаи иттилоотӣ.**

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмуни тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдигирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон, дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём – 120, унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳоеро, ки дар онҳо нархҳои пешниҳодшуда нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо то **24-уми июли соли 2023, соати 17.00** бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шартномаи хариду фурӯши анбор таҳти феҳристи 4Ш-203-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор, 24 октябри соли 2017 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Дурбат, деҳаи Хоҷасидиқ ба Ҳакимов Илҳомиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ барои бинои анбор таҳти рақами бақайдгирии 22925-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Ҳисор 22-юми декабри соли 2015 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Дурбат, деҳаи Хоҷасидиқ ба Ҳакимов Илҳомиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи силсилаи АN№04054348-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 24-уми декабри соли 2021 ба Хоҷахонов Идрис Тураевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТУ № 0029018, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51-и шаҳри Душанбе 20-уми июни соли 2006 ба Изатова Нозанин Икромовна додааст, бинобар иваз намудани номи падарӣ (бар ивази Икромовна ба Икромҷоновна) эътибор надорад.

✓ Шартномаи беподош додани бинои силсилаи ДШ № 0978055-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 27-уми сентябри соли 2018 таҳти феҳрасти 3ДШ-795 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Қаҳҳоров, хонаи 440 ба Анварова Любовь Хамидуллаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Қаҳҳоров, хонаи 440 ба Анварова Любовь Хамидуллаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №0050774-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 27-уми июли соли 2018 таҳти № 2239 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Қаҳҳоров, хонаи 440 ба Анварова Любовь Хамидуллаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе, бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Яккачинор, бинои 144/2, хонаи 28 ба Хидиров Саидраҳмон Шарифович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартираи силсилаи ДШ № 0537894-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 3-юми августи соли 2010 таҳти феҳрасти 8Ш-2331 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Яккачинор, бинои 144/2, хонаи 28 ба Хидиров Саидраҳмон Шарифович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи ҳадяи манзили истиқоматии гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2015 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Д. Дӯстмуҳаммадов, бинои 8, хонаи 2 ба Сабзова Фотима Шералиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшудаи таҳти рақами электронии 63408-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Д. Дӯстмуҳаммадов, бинои 8, хонаи 2 ба Нуров Абдураҳмон Муҳаббатович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии № 17569-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 1998 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Зафар, хонаи 193 ба Убайдуллоев Назрӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи силсилаи А №04285116-и гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 28-уми июни соли 2022 ба Зокиров Фаррухҷон Фарҳодович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ронандагии категорияи «В»-и гумшуда, ки онро ШБИ РБДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 20-уми октябри соли 2014 ба Зокиров Фаррухҷон Фарҳодович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии №4043-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 14-уми сентябри соли 2018 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум, бинои 7, хонаи 52 ба Зайнудинова Минслу Барлыковна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Маҳмадова Фарзона Абдураҳмонбеговна (санаи таваллуд – 4-уми октябри соли 1992) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти №8Ш1-3009-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 29-уми сентябри соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Р. Набиев, бинои 236, хонаи 31 ба Назимова Бахмалви Азимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини якумраи меросии №0122754-и гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Қубодиён таҳти №39 санаи 1-уми апрели соли 2006 дар асоси қарори раиси Ҷамоати деҳоти ба номи С. Худойқулов ба Бобоқулов Алишер додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии № 0394842-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 16-уми апрели соли 2019 ба Саидмуродов Баҳодур Мирзомуродович (РЯМ 6030144304) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Қубодиён 29-уми июни соли 2015 ба Мирзоев Саид Панжиевич (РЯМ 3230037709) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи РТ №335696-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) соли 1993 ба Сайдуллаев Суюнхон Гулмирзоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва Иқтибос аз Феҳрасти ягонаи соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 2-юми апрели соли 2020 ба Маҳмудов Насимҷон Ҷамолович (РЯМ 0230087211) додааст, эътибор надоранд.

✓ Қарори раиси шаҳри Норак таҳти №433 аз 3-юми ноябри соли 2014-и гумшуда, ки ба Шарипова Садбарг барои ҷудо кардани қитъаи замин бо мақсади ташкил намудани минтақаи истироҳатӣ дода шудааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хизматии силсилаи ДХ № 1742-и гумшуда, ки онро Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016 ба Мадохиров Муродалӣ Ашурмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 10-уми июни соли 2016 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, маҳаллаи Лоҳутӣ, хонаи 85/2 ба Махсудов Аюбҷон Зиёратович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи Н.Т-1 № 323717 - и гумшуда, ки онро Техникуми тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон таҳти рақами қайди 8072 соли 1990 ба Раджабов Усмоналӣ Сафаралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯшон соли 2013 бо суроғаи ноҳияи Рӯшон, Ҷамоати деҳоти Н. Додхудоев, деҳаи Барзуд барои маркази таъмир ва хизматрасонӣ ба Ризвонзода Сафар додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши маркази таъмир ва хизматрасонии силсилаи ВМКБ №0063405-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯшон 5-уми марти соли 2020 бо суроғаи ноҳияи Рӯшон, Ҷамоати деҳоти Н. Додхудоев, деҳаи Барзуд ба Ризвонзода Сафар додааст, эътибор надорад.

✓ Қарори гумшудаи раиси ноҳияи Рӯшон аз 7-уми сентябри соли 2019 таҳти № 513 «Дар бораи ҷудо намудани қитъаи замин ба шаҳрванд Фармонбекова Нигбахтсултон» барои маркази хизматрасонии мошинҳои боркаш аз ҳисоби заминҳои буттазори воқеъ дар Ҷамоати деҳоти Назаршо Додхудоев, деҳаи Барзуд эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №0231591-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯшон таҳти рақами 521 санаи 28-уми августи соли 2020 бо суроғаи ВМКБ, ноҳияи Рӯшон, Ҷамоати деҳоти Н. Додхудоев, деҳаи Дерзуд, барои Нуқтаи хизматрасонӣ ва таъмири мошинҳо ба Ризвонзода Сафар додааст, эътибор надорад.

✓ Санади гумшудаи қабули объекти сохтмони инфиродӣ барои ба истифода қабул намудани маркази таъмирӣ ва хизматрасонии нақлиёти сабукрав ва боркаш, ки бо қарори раиси ноҳияи Рӯшон таҳти №185 аз 9-уми августи соли 2010 ба Саидов Толиб дода шудааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи АБ № 017673-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 1997 ба Нуралиев Шароф Ҳусейнович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Қубодиён 13-уми августи соли 2021 ба Амирхонова Дилдора Сафаралиевна (РМА 285291145, РЯМ 3230065053) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе таҳти феҳрасти №8Ш-1306 санаи 13 апрели соли 2017 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Нурулло Ҳувайдуллоев, бинои 274/1, хонаи 11 ба Ғоибова Оисамо Сатторовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ»-и шаҳри Душанбе 26-уми апрели соли 2017 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, кӯчаи Нурулло Ҳувайдуллоев, бинои 274/1, хонаи 11 ба Ғоибова Оисамо Сатторовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Сино бо суроғаи кӯчаи Нурулло Ҳувайдуллоев, бинои 274/1, хонаи 11 ба Ғоибова Оисамо Сатторовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ЕТ-1 №0666618-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе соли 1984 ба Камолова Бибигул Раджабовна додааст, эътибор надорад.

✓ Ҳалномаи гумшудаи Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз 10-уми августи соли 2012 оид ба соҳибмулкии Ғаниев Давлатманд Гулаҳмадович ба манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Қазоқон, хонаи 153/1 эътибор надорад.

✓ Шартномаи ҳадяи як қисми хонаи истиқоматии №0442032-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 10-уми сентябри соли 2009 таҳти феҳрасти 8Ш-3644 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Қазоқон, як қисми хонаи истиқоматии №153 ба Ғаниев Давлатманд Гулмаҳмадович ва Ғаниев Фарҳод Гулмаҳмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи А03333231-и гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 27-уми январи соли 2021 ба Одилзода Мирзоумар Мирзосабур додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи А 02627754-и гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 4-уми ноябри соли 2019 ба Одилзода Мирзоғафур Мирзосабур додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи БП №574022-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли 1978 ба Раҳматов Қузратулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шарти гузашти сармояи оинномавии ҶДММ «ТВ Ориённур», таҳти қайди 3Ғ 90-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Панҷакент 11-уми сентябри соли 2018 тасдиқ кардааст, эътибор надорад.

✓ Гувоҳномаи №7-и гумшуда (бар ивази диплом), ки онро Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Ленин (ҳоло ноҳияи Рӯдакӣ) соли 1995 ба Воҳидов Ашурбек Минглибоевич додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ҳусайнов Шоҳин Нурулоевич, ки дорои Шаҳодатнома бо РЯМ 0930164648 буда, онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

✓ Сафаров Темурали Маҳмадалиевич, ки дорои Шаҳодатнома бо РЯМ 0930163108 буда, онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

✓ Субҳонова Холбиби Солиҳовна, ки дорои Шаҳодатнома бо РЯМ 0930105175 буда, онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

✓ Кооперативи тиҷоратии «Кишоварз 09» (РЯМ 2010007496), воқеъ дар ноҳияи Фархор, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Кооперативи тиҷоратии «Муслиҳиддин-2012» (РМА 3210003491), ки 13-уми марти соли 2012 дар Нозироти андози ноҳияи Қубодиён ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун

Садои мардум

**Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло**

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

**ИНДЕКСИ ОБУНА 68852**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.***

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

***Ба чопаш 19 июли соли 2023, соати 17:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34505 нусха***

**Навбатдорони шумора Ф. Файзалӣ ва Ӯ. Назар**

**Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров**

**Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97**